Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар<br>назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор».**

Таъмини иқтисодиёт бо пул омили мухимми рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва тағйирпазирии ҳолати он ба маҷмӯи омилу шароитҳои мухталиф алоқамандии зич дорад. Монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ асосан бо мақсади дастгирии аҳолӣ, соҳибкорон, дигар субъектҳои хоҷагӣ ва дар маҷмуъ барои таҳкими рушди иқтисодиёти миллӣ ба роҳ монда мешавад. Монетизатсияи иқтисодиёт зуҳуроти мураккабест, ки таъмини ҷараёни истеҳсолот ва муомилоти ҳаҷми (массаи) пулро, ки барои ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтҳо, ташаккули таносуб дар соҳаи сармоягузорӣ ва истеъмолот, инчунин рушди бозори пул зарур мебошад, ифода менамояд.

Бинобар ин, илман асоснок намудани сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, таҳқиқоти махсусро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, такмил додани усулҳои иқтисодию омории таъсири монетизатсия ба рушди иқтисодиёти миллӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқотиро нишон медиҳад.

Дар таҳқиқоти илмии худ Холов Р.Ш. системаи нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлили сатҳи монетизатсияро таҳия намуда, бо истифода аз усули махсуси оморӣ динамикаи омилҳои ташаккулдиҳандаи сатҳи монетизатсияро дар давраи мавриди таҳқиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Бояд қайд кард, ки аз нигоҳи назариявӣ ва таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи диссертант системаи нишондиҳандаҳои бо пул таъмин кардани иқтисодиёт, ҳамчун тавсифи миқдории омилҳои таъсиррасон вобаста ба давраҳои мавсимии монетизатсияи иқтисодиёт баҳисоб рафта, барои такмили арзёбӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия истифодаи модели мултипликативӣ дар шакли ҳисоботи семоҳа ба мақсад мувофиқ дониста шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертант дар рисолаи илмии худ тавонистааст, ки ҷанбаҳои калидии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллиро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳад.

Дар баробари дастовардҳо, ба назари мо, дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:

1. Аз тарафи унвонҷӯ паҳлуҳои таърихии низоми пулӣ дар заминаи андешаи олимони хориҷӣ расми 1 (дар саҳ. 10) оварда шудааст. Хуб мешуд дар ин ҷо андешаҳои олимони ватанӣ низ ҷой дода мешуд.
2. Дар ҷадвали 5 (саҳ. 19) дурнамои сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ дар асоси модели мултипикативӣ ва аддитивӣ нишон дода шудааст, хуб мешуд агар муаллиф сабабҳои натиҷагирии нишондиҳандаи мазкурро ба таври мушаххас шарҳ медод.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда, ҳамчун пешниҳод оварда шуданд. Ин норасоиҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба мазмуну муҳтавои асосии рисолаи илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор» пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз, номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Котиби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон** **Саломзода Г.Ғ.**

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, Котиби Раёсати **Бонки миллии Тоҷикистон** Саломзода Г.Ғ. - ро тасдиқ мекунам:

**Сардори Идораи кормандони**
**Бонки миллии Тоҷикистон** **Сайдвалиева О.С.**